Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-012** назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Дар марҳилаи нави рушд дар назди кишвар се вазифаи асосӣ: якум, ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда; дуюм, таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ; сеюм, вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна, ки Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян намудааст, меистад. Ин самтҳо бевосита мубрамияти мавзуи диссертатсияро муайян менамоянд.

Диссертант, тавонистааст д**ар боби якум «Асосҳои назариявию методии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ»**, моҳияти илмии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода, нуқтаи назари муаллифии худро доир ба моҳияти мафҳуми сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ пешниҳод намудааст. Принсипҳои сиёсати иҷтимоию меҳнатиро гуруҳбандӣ намуда, иҷрои онро дар таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо додааст. Таҷрибаи ҷаҳониро таҳқиқ намуда, барои Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи Россия, Қазоқистон ва Чинро тавсия намудааст.

**Дар боби дуюм «Арзёбии вазъи муосири сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили ҳолати муосир ва самтҳои иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Тоҷикистон, таҳлили сатҳи музди меҳнат ва нафақа, чун нишондиҳандаи баҳои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва баҳои таҳия ва таъмини иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар вилояти Хатлон баҳо дода, камбудиҳоро ошкор намудааст.

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ»** таҳияи стратегияи рушди иҷтимоию меҳнатӣҳамкории давлат

ва бахши хусусӣ, ташкили корхонаҳои калони агросаноатиро роҳҳои асосии такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ донистааст.

Бояд изҳор намуд, ки муаллиф тавонистааст тамоми муҳтавои диссертатсияро бо далелҳо мукаммал намуда, барои ҳимоя шаш дастоварди илмӣ пешниҳод намояд.

Таҳқиқи гузаронидаи диссертант аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳаро ҳаматарафа таҳқиқ намуда, барои ҳалли онҳо пешниҳодҳои мушаххас намудааст.

Вале ба назари муқарриз, кори диссертатсионӣ мукаммал мегашт, агар муаллиф омилҳои рушди сиёсати иҷтимоию меҳнатиро муайян намуда, таъсири онро ба рушди сатҳи зиндагии аҳолӣ баҳо медод.

Вале, ин камбудии дар автореферат ҷойдошта ҷузъӣ буда, арзишмандии илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифро коҳиш намедиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Гулов Искандар Хасанович сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

Муқарриз,
Директори институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, академик Пиризода Ҷ.С.

Имзои академик Пиризода Ҷ.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои институт Икромова М.Қ.

Суроға: 734060, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав, 306,
Тел: 236-37-67 E- mail: jalil-22@mail.ru